ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи номзадии Азизов Фирӯз Шарифович дар мавзуи «Ток-Шоу ҳамчун жанри телевизионӣ» (дар мисоли барномаҳои телевизиони Тоҷикистон ва телевизони Сафина**) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Дар рисола аҳаммият, таъсир ва мавқеи жанри ток-шоу ҳамчун намунаи жанри публитсистикаи телевизионӣ дар раванди ташаккулу таҳаввули афкори ҷомеа муайян карда шудааст. Мавқеи масъалаҳои иҷтимоиву сиёсӣ дар доира ва қолаби ток-шоуи телевизионӣ нишон дода шуда, унсурҳои баёни воқеият, мушоҳидаву таҳқиқ, баррасиву тафсил, факту аснод ва хулосаву муҳокима ҳамчун ҷузъиёти фарогирандаи ток-шоу таъкид мегардад.

Боби якум ***«Ҷанбаҳои таърихӣ ва функсионалии ток-шоу»*** ном дошта, дар фасли аввал оид ба ***«Омилҳои пайдоиш ва ташаккули ток-шоу дар телевизион»*** сухан меравад. Дар ин бахш таърихи пайдоиши ток-шоу дар телевизион ва марҳилаҳои ташаккули он баррасӣ карда шудааст. Таҳқиқу баррасиҳо нишон медиҳад, ки дар шаклгирии ток-шоу 10 барномаи шабакаҳои Амрико нақши муҳим доштаанд. Дар қисмати дигари ин бахш барои таҳкими андеша ба жанри ток-шоу дар шабакаҳои телевизионии Русия таваҷҷуҳ шудааст. Маълум аст, ки жанри ток-шоу зодаи шабакаҳои телевизионии Амрико мебошад. Таҷрибаву таҳқиқҳо мушаххас намудаанд, ки нуфузи ҳар як барномаи ток-шоу ба интихоби мавзуъ ва қаҳрамон вобастагии бештар дорад. Чунин тавозун сабаб мешавад, ки нақши телевизион дар идора намудани шуури ҷамъиятӣ бориз гардад ва дар ин самт уфуқҳои нав ба нав пайдо намояд.

Дар фасли дуюм бошад ***«Вижагиҳои таърихии ток-шоу»*** баррасӣ гардида, дар он намунаҳои ток-шоуҳои муваффақ дар ҷаҳони муосир ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳадафи таъсир ба афкор торафт амиқтар мешавад.Таркиби ин жанр аз унсурҳои зиёди созанда иборат аст ва ҷой доштани проблемаву мавзуи муҳими рӯз аз ҷумлаи онҳост. Маълум аст, ки ток-шоу аз ҷузъиёти мухталифи бадеӣ (саҳнаҳо, сужаҳо, ҳаракатҳои озод, нутқи мустақим ва ғ.) иборат аст. Дар баробари ин дар ток-шоу таҳлили муаммо ҷой дошта, масъалаи муҳими иҷтимоӣ матраҳ мешавад. Масъалагузориҳо дар ток-шоу чун дигар жанрҳои таҳлиливу таҳқиқӣ сурати ором надорад ва ин ҳолатро ба назар гирифта, муҳаққиқ А.Азимов андеша дорад, ки «…жанри ток-шоу сюжети тезу тунди шакли ташкилии мавод аст» . Ҷойи инкор нест, ки

ток-шоу мавқеи аксар жанрҳои телевизиониро маҳдуд гардонд, хусусиятҳои аксари онҳоро аз худ кард. Ток-шоу фарҳангу иқтисодиёту сиёсатро аз дидгоҳи махсус баррасӣ менамояд, ки ин имконро дигар жанрҳо надоранд.

Боби дуюм ***«Мавқеи ток-шоу дар низоми барномаҳои телевизонӣ»*** номгузорӣ шуда, дар ***фасли аввал бобати «Ташаккули ток-шоу дар шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон»*** сухан меравад. Албатта дарёфти хусусияту қолаби ин жанр дар шаклу андозаҳо дар домани жанрҳои дигар ба мо кӯмак мерасонад. Дуруст аст, ки 40-50 сол қабл истилоҳи ток-шоу вуҷуд надошт, аммо хусусиятҳои онро ҳатман дар доираи дигар жанрҳо дучор омадан мумкин аст.

Ба таври нисбатан мушаххас мутахассисон пайдоиши жанри ток шоуро дар Телевизиони Тоҷикистон ба солҳои 70-уми қарни XX хос медонанд: «Ҳанӯз дар солҳои 70-80-и қарни гузашта баъзе унсурҳои жанри ток-шоу дар барномаҳои Телевизиони Тоҷикистон эҳсос карда мешуд. Барномаҳои «Чойхонаи дилкушо», клуби телевизионии «Дугонаҳо», «Ғалаба муборак!» (бахшида ба иҷрои плани пахтасупорӣ), «Чароғаки солинавӣ», «Маърифат», «Офарин» ва ғайраҳо, ки ҳамон солҳо аз ҷониби гурӯҳҳои гуногуни эҷодӣ таҳия ва пахш мегардиданд, дар худ бисёр хусусиятҳои шоу-барномаҳоро таҷассум менамуданд».

Боби сеюми Рисола ***«Вижагиҳои интихоби қаҳрамон ва таҳияи барнома»*** ном гирифтааст, ки ду фасл дорад. Фасли аввал ***«Нақши шоумен, модератор ва интервюер ва таҳияи ток-шоу»*** ном дорад, ки дар он доир ба коргузорӣ дар ток-шоу ва чӣ гуна диққатҷалбкунанда сохтани барномаи ток-шоу изҳори андеша шудааст. Ҳамчунин, дар ин фасл нақши шоумен, модератор ва интервюер дар саҳнаи ток-шоу таҳқиқ шудааст. Меҳнати коллективӣ дар ҷилои саҳна (декоратсия) муҳимтарин ва нахустин омили ҷалб намудани тамошобин мебошад. Дар таҷрибаи барномаҳои телевизионӣ одат шудааст, ки ҳар лаҳза бо хости коргардон ва ё муаллиф сохта шавад. Дар ток-шоу низ ҳар андешае, ки ба баҳс пешниҳод мегардад, аввалан тарҳрезӣ мешавад. Ин дар шакле пешниҳод мегардад, ки бинанда онро ба таври ғайричашмдошт қабул менамояд.

«Уфуқҳои воситаҳои муассиргардонии сухан дар ток-шоу» чунин унвон дорад фасли дуюми боби сеюм, ки доир ба иҷтимоиёту роҳҳои таъсир ба афкори бинанда маълумот медиҳад. Дар телевизион вобаста ба хусусияти жанрӣ забони барномаҳо аз ҳам фарқ мекунанд. Масалан, барномаҳои ахбор усули хосаи пешниҳоди худро доранд, барномаҳои фарҳангӣ низ нисбат ба барномаҳои хабарӣ фарқ менамоянд. Муошират дар барномаҳои ток-шоу хосса аст, зеро ин ҷо суҳбат шифоҳӣ сурат

мегирад. Дар ин гуна барномаҳо танҳо шоумен ҳангоми оғози барнома ба услуби сухан диққат медиҳад. Ин ҳам дар ҳолест, ки дар рафти барнома ӯ низ бояд ин қолабро шиканад.

Махсусияти мундариҷавӣ ва сохториву мавзуӣ дар ток-шоуҳои телевизионҳои ватанӣ масъалаҳои касбу кор, таълиму тарбия, ишқу муҳаббат, оиладорӣ, ҳурмату эҳтироми якдигар, фарҳангу санъат, одобу ахлоқ, маънавиёти ҷавонон, тарбияи инсони комил ва дигар ҷузъиёти зиндагии рӯзмарраро фаро мегиранд, ки асосан заминаи таърихӣ доранд.

Ҳамин тариқ, муҳаққиқ мушаххас намудааст, ки мавзуъ дар ток-шоу самти ягонаву маҳдуд надорад ва бо даъвати коршиносону мутахассисону масъулон мазмуну муҳтавои он хеле ғанӣ мегардаду самтҳои нав ба нав пайдо мекунад.

Дар баробари таҳқиқу афкори баёни олимону коршиносон ва бозкушоии таърихи жанри ток-шоу, агар дар қисматҳои ҷудогонаи рисола, аз эҷоди барномаҳои дидании солҳои 2000-уми кишвар, ки давоми як даҳсолаи фаъолият дар пешрафту инкишофи ин жанри телевизионӣ нақш ва аҳамияти бунёдӣ гузоштанд, таъкиду таваҷҷуҳ карда мешуд, аҳаммияти назариявию амалии он боз ҳам зиёдтару афзунтар мегардид. Ба ҳар ҳол метавон афзуд, ки маводи таҳқиқотиро ҳамчунин ҳангоми таълими фанни «Асосҳои фаъолияти журналистӣ», курсу семинарҳои махсус, дарсҳои интихобӣ дар факулта ва шуъбаҳои журналистикаи макотиби олии ҷумҳурӣ истифода кардан мумкин аст.

Номзади илми филология,
муовини директори Муассисаи давлатии
«Академияи ВАО»-и Тоҷикистон
« 02 »декабри соли 2022 Ҳақназар Каримзода

Суроғa: 734013, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч.Беҳзод, 25 тел: 221-84-30
«02» декабри соли 2022
G-mail: dusti2021@mail.com 25/11/2022/
Тел. (+992) 93 501 15 16

Имзои Ҳақназар Каримзода тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои Муассисаи
давлатии «Академияи ВАО»-и Тоҷикистон Рафоати Зайниддин
«02»декабри соли2022
Суроғa: 734013, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч.Беҳзод, 25
Тел: 90 079 48 08